**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсия Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Таҳқиқ ва муқоисаи истилоҳоти китобдорӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ ба шумор меравад, зеро чунин навъи пажӯҳиш имкон медиҳад, то ки истилоҳсозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ рушд ёбад.

Диссертатсияе, ки аз тарафи Робияи Абдусамад оид ба таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ анҷом ёфтааст, барои истилоҳшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хеле мубрам аст.

Маводи асосии диссертатсияро рисолаву осори илмиву адабии мутафаккирони тоҷику англис ва вожаномаву фарҳангномаҳо ташкил медиҳанд

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, асосҳои назарияви ва методологии таҳқиқот, нуктаҳои муҳими диссертатсия, коркар ва натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Боби якуми рисола **«Заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда»** ном дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Муаллиф дар фасли аввали боби мазкур масъалаҳои назариявии истилоҳ ва истилоҳшиносиро ба таври мухтасар зикр намудааст. Илова бар ин, дар боби мазкур масъалаи сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдорӣ забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола **«Таҳлили сохтории истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, аз ҳафт фасл иборат аст. Дар боби мазкур истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аввал тасниф гардида, пасон, муаллиф ба баррасии усулҳои наҳвию сарфӣ, сарфию наҳвӣ, луғавию наҳвӣ ва луғавию маъноии истилоҳоти китобдорӣ даст задааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, дар он масъалаҳои омонимшавӣ, сермаъношавӣ, муродифшавӣ ва мутазодшавӣ истилоҳоти соҳаи китобдорӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ин боб аз панҷ зербоб иборат аст. Дар хулоса муаллифи диссертатсия андешаҳои худро бо хулосаву натиҷаҳои мушаххас ҷамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсия Робияи Абдусамад дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Он бо забони фасеҳу равон иншо гардида, натиҷаҳои пажуҳиши муаллифро инъикос мекунад.

Бо вуҷуди комёбиҳо, дар фишурда баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани инҳо ба маврид аст:

1. Дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия (17, 23, 34) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

2. Муаллиф дар бахши назарявӣ бештар ба андешаҳои истилоҳшиносони рус такя намуда, диду назари баъзе аз забоншинсони тоҷик ( М. Рустамов, Н. Шаропов ва диг.) аз назари эшон дур мондааст.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия Робияи Абдусамад бо номи “Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” таҳқиқоти анҷомёфта мебошад. Автореферати он мӯҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Таълифоти муаллифи рисола ба

талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгу буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошанд.

Муаллифи диссертатсия Робияи Абдусамад барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз:
Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои ДТМИК,
номзади илми филология,
саромӯзгор: Чоршанбиева Зайнабхон Ашуровна

**Суроғаи муқарриз**: 735360 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳ.Борбад
Tel. 985-01-14-31
E-mail chorshanbieva80@.bk.ru

Имзои Чоршанбиева З.А-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва коргузории ДТМИК: Шокиров Қодир Бедилхонович

**08.06.2023с.**